**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-004-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

## ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Сафаров Абдумалик Абдусатторвич дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

Борҳо дар баромадҳои Роҳбари давлат қайд карда мешавад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Воқеан ислоҳоти иқтисодии тайи солҳои охир амалӣ шуда, ба беҳтар гардидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим мусоидат карда истодааст.

Дар боби "Сиёсати сармоягузорӣ ва механизми танзими раванди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" моҳияти сиёсати сармоягузорӣ, принсипҳо, самтҳои афзалиятноки он, механизми танзими раванди сармоягузорӣ шарҳ дода, роҳҳои тақвияти таъсири воситаҳои он ба зиёд кардани ҳаҷм ва суръати маблағгузории бахши воқеии иқтисод ва соҳаҳои инфрасохторӣ иброз гардидаанд.

Агар самаранокии ниҳоии сармоя аз меъёри воқеии фоиз баланд бошад, дар ин маврид рушди сармоягузорӣ мушоҳида гардида, вобаста ба он даромад ҳам зиёд мешавад. Баробари наздикшавии фоиданокииояндаи сармоя ба меъёри фоиз фоиданокии он дар ҳар сурат поён рафта, маблағгузорӣ камманфиат мешавад. Дар мавриди баробаршавии нишондиҳандаҳои маълум сармоягузорӣ имконнопазир мегардад.

Ба замми таҳлил ва омӯзиши амиқи предмети кори илмӣ, ки муаллиф аз тариқи роҳу усулҳои муаллифӣ таҳқиқи онро ба роҳ мондааст, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ба монанди:

а) дар автореферати диссертатсия муалиф таҳлили ҷадвалу расмҳои овардаи худро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондааст, агар ин ҳолат ба назар

гирифта мешуд таҳқиқи устувори объект ва предмети диссертатисияро шаҳодат медод.

б) муаллиф дар расми ду сохтори механизми танзими раванди сармоягузориро овардааст. Аммо таснифоти овардашуда бо маълумоти воқеӣ дар сатҳи лозима асоснок нагардидааст, ки ин ҳолати мазкур барои ба даст овардани натиҷаҳои муносиби таҳлилӣ нисбатан монеа эҷод менамояд. Бояд қайд намуд, ки эродҳои гирифташуда нисбат ба автореферати диссертатсия характери тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро коста намегардонад.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мазмуни автореферати тақризшаванда пурра ба диссертатсия мувофиқат менамояд ва мақолаҳои нашркардаи муаллиф ба мазмуни автореферат мувофиқ мебошанд ва А.А. Сафаров сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Доктори илмхои иқтисодӣ, профессор А.М. Раҳимов

**Нишонӣ:** 735360 , Ҷумхурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1
**Тел:** +992 92 7748463, **E-mail:**Latif_58@mail.ru

«Имзои А.М. Раҳимов - ро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бобоев А.Х.

10.09.2024с.